5.6.7.[07.00.15]ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶӢ
5.6.7.[07.00.15] ИСТОРИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИИ И ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ
5.6.7.[07.00.15] HISTORY OF INTERNATIONAL RELATIONS AND FOREIGN POLICY

***ТДУ 327***
***DOI:10.24412-2077-4990-2024-279-57-70***

## *2024 – СОЛИ ТАЪРИХӢ ДАР ҶОДАИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНАИ ТОҶИКИСТОНУ ИТАЛИЯ*

***Шарифзода Абдуфаттоҳ Абдуваҳҳоб**, д.и.т., профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2003-2024); **Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох**, н.и.т. Котиби якуми раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон(Тоҷикистон,Душанбе)*

## *2024 – ИСТОРИЧЕСКИЙ ГОД В ДЕЛЕ РАЗВИТИЯ ДРУЖЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И ИТАЛИИ*

***Шарифзода Абдуфаттох Абдуваххоб**, доктор исторических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана, Пресс-секретарь Президента Республики Таджикистан (2003-2024 гг.), **Шарифзода Фирдавс Абдуфаттох,** кандидат исторических наук, первый секретарь Управления стран Европы и Америки Министерства иностранных дел Республики Таджикистан (Таджикистан, Душанбе)*

## *2024 – HISTORIC YEAR IN TERMS OF DEVELOPMENT OF FRIENDLY RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND ITALY*

***Sharifzoda Abdufattoh Abduvahhob**,Press-Secretary of the President of the Republic of Tajikistan (2003-2024), doctor of historical sciences, professor, corresponding member of the National Academy of Sciences of Tajikistan ; **Sharifzoda Firdavs Abdufattoh,** First Secretary of the Department of European and American countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences (Tajikistan, Dushanbe),**E-mail**:abdufatoh@yahoo.co.uk,
**E-mail**:firdavs.sharifzoda@mfa.tj*

***Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Италия, муносибатҳои байнидавлатӣ, сиёсати хориҷӣ, таърих, Пешвои миллат, сафари расмӣ, машваратҳои сиёсӣ, равобити иқтисодӣ, имкониятҳои сармоягузорӣ, санадҳои ҳамкорӣ, қолаби ҳамкориҳои “С5+1” .*

*Мақола ба баррасии батафсили масъалаҳои умдаи роҳандозӣ ва рушди равобити гуногунҷанбаи байнидавлатии Тоҷикистону Италия дар зарфи 32 соли барқарории муносибатҳои дипломатӣ бахшида шудааст. Муаллифон хислат ва мазмуну муҳтавои муносибатҳои нек ва рӯйдоду чорабиниҳои муҳим дар ҷодаи шарикии муътамади ду кишвар, бавежа дар партави сиёсати хориҷии пешгирифтаи Пешвои миллат нисбат ба Италия ва натиҷаҳои сафари расмии Президенти Тоҷикистон ба Рим, раванди ташаккули заминаи ҳуқуқии робитаҳои Тоҷикистону Италия, музокироти ҳайатҳои сиёсӣ ва ҳамгироӣ дар қолаби “Италия ва Осиёи Марказӣ”, самтҳои асосии рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратиро таҳлилу тадқиқ кардаанд. Дар мақола хулосаҳо доир ба сатҳи бадастомадаи муносибатҳо ва тавсияву пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили сатҳу муҳтавои ҳамкориҳои ду кишвар дода шудаанд. Зимни таълифи мақола аз китобҳову рӯзномаҳо дар бобати фаъолияти дипломатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар силсилаи “Сиёсати хориҷии Тоҷикистон”, инчунин дигар маводи расмии электронии дохилию хориҷӣ ва маводи иттилоотию оморӣ истифода карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Италия, межгосударственные отношения, внешняя политика, история, Лидер нации, официальный визит, политические консультации, экономическое взаимодействие, инвестиционные возможности, документы о сотрудничестве, формат сотрудничества «С5+1».*

*Статья посвящена подробному рассмотрению основных вопросов установления и развития многоплановых межгосударственных отношений между Таджикистаном и Италией за 32 года установления дипломатических отношений. Авторы исследовали и проанализировали характер и содержание взаимовыгодных отношений, а также важные события и мероприятия в рамках надежного партнерства двух стран, особенно в свете избранного внешнеполитического курса Лидера нации по отношению к Италии и результатов официального визита Президента Таджикистана в Рим, процесса формирования правовой базы отношений между Таджикистаном и Италией, переговоров политических делегаций и интеграции в рамках формата «Италия и Центральная Азия», основных направлений развития экономического и торгового сотрудничества. В статье содержатся выводы о достигнутом уровне отношений, а также практические рекомендации и предложения по повышению уровня и содержания взаимоотношений между двумя странами. При написании статьи были использованы книги и газеты относительно внешнеполитической деятельности Президента Республики Таджикистан и публикации Министерства иностранных дел РТ из серии «Внешняя политика Таджикистана», а также другие официальные отечественные и зарубежные электронные издания и информационно-статистические материалы.*

***Key words:*** *Tajikistan, Italy, interstate relations, foreign policy, history, Leader of the Nation, official visit, political consultations, economic ties, investment opportunities, cooperation documents, "C5+1" partnership format.*

*The article is devoted to a detailed review of the main issues of the establishment and development of multifaceted interstate relations between Tajikistan and Italy over the 32 years of diplomatic relations. The authors examined and analyzed the nature and content of mutually beneficial relations, as well as important events and activities within the framework of a reliable partnership between the two countries, especially in light of the chosen foreign policy course of the Leader of the Nation towards Italy and the results of the official visit of the President of Tajikistan to Rome, the process of forming the legal framework of interaction between Tajikistan and Italy, bilateral negotiations of political delegations and integration within the format "Italy and Central Asia", main directions of the development of economic and trade cooperation. The article contains conclusions about the achieved level of relations, as well as practical recommendations and proposals for enhancing the level and content of relations between the two countries. When writing the article, the authors referred to the books and newspapers regarding the foreign policy activities of the President of the Republic of Tajikistan and publications of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan from the series "Foreign Policy of Tajikistan," as well as other official domestic and foreign electronic editions and information and statistical materials.*

Агар ба шоҳасарҳои санъати волои Ботичелли, Леонардо да Винчи, Микеланҷело, Тинторетто ва Караваҷҷо, меросу дастовардҳои илмии олимони барҷаста Галилей (физикаву механикаву астрономия), Кассини (астрономияву муҳандисӣ), Волта (физикаву химия), Кардано (математикаву муҳандисӣ), Фибоначчи (математика), операҳои Верди ва Пуччини, синамои Федерико Феллини нигарем ва ба ин занҷира меъмории Венетсия, Флорентсия ва Римро зам кунем, танҳо бар як ҳиссае аз хазинаи дурдонаҳои Италия дар масири асрҳо мулоҳиза хоҳем кард. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Италия нақши назаррасро дар умури минтақавӣ ва глобалии сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ мебозад. 59 объекти аксаран фарҳангиаш ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил буда, аз рӯи ин нишондод дар дунё ҷойи якумро ишғол мекунад. Аз ин лиҳоз, муаррифии мухтасари ҷузъиёти ҷолибу мавриди таваҷҷуҳ аз ҳаёту фаъолияти муосири Италия пеш аз таҳлили муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишвари маъруфу маҳбуби аврупоӣ муфид хоҳад буд.

Италия дар Аврупои Ҷанубӣ дар маркази Баҳри Миёназамин (бо масоҳати 302,079 км$^2$ ва аҳолии 58,8 млн. нафар, ба ҳолати соли 2023) ҷойгир буда, ҳамзамон қисме аз Аврупои Ғарбӣ ба шумор меравад. Қаламраваш нимҷазираи Апеннин, канори шимолу ғарби нимҷазираи Балкан, дашти Падан, нишебиҳои ҷанубии кӯҳҳои Алп (бо баландтарин қуллаи Монблан ё Monte Bianco, 4810 м), ҷазираҳои Ситсилия, Сардиния ва бархе аз ҷазираҳои хурдро фаро мегирад. Дар дохили ҳудуди Италия ду давлат-анклав воқеанд: давлати Сан-Марино ва давлати бо Италия муттаҳидшудаи Ватикан (андаруни Рим) [12]. Бо шумули ҷазираҳо, ҳудудҳои Италия соҳилҳои Баҳри Миёназамин, баҳрҳои Лигурия, Тиррения, Иония ва Адриатикаро дар бар

мегирад. Беш аз 35% қаламраваш аз кӯҳҳо иборат буда, водии По бузургтарин даштзор (46,000 км$^2$), дарёи По (682 км) дарозтарин рӯд ва Гарда (370 км$^2$) калонтарин кӯли Италия ба ҳисоб меравanд. Қисмҳои зиёди сарзамини ин кишвар табиати вулканӣ дорад (Этна ва Везувий вулканҳои баландтарину машҳуртарини Аврупо мебошанд) [13].

Италия ҷумҳурии ягонаи парлумонӣ буда, дар он Президент (Серҷо Маттарелла аз соли 2015, дубора соли 2022 интихоб шуд) Сарвари давлат ва Сарвазир (Ҷорҷа Мелони аз соли 2022), ки расман Раиси Шурои вазирон номида мешавад, Раиси Ҳукумат мебошад. Коалитсияи марказӣ-ростгарои иборат аз ҳизбҳои "Бародарони Италия"-и Ҷорҷа Мелони, "Лига"-и Маттео Салвини, "Ба пеш, Италия" (Forza Italia) ва "Ной Модерати" (Noi moderati) бо пирӯзӣ дар интихоботи парлумонии сентябри 2022 аксарияти ҷойҳоро дар Парлумони Италия ба даст оварданд [13].

Италия кишвари узви муассиси Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва СААШ (НАТО), узви фаъоли доираи васеи созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд, СУС, САҲА, Шурои Аврупо буда, хусусан дар Шурои ИА июл-декабри соли 2014, Гурӯҳи "Ҳафтгонаи Бузург" дар соли 2017, САҲА дар соли 2018 раисӣ карда, дар соли 2017 узвияти ғайридоимии Шурои Амнияти СММ-ро ба уҳда доштааст [13]. Яке аз авлавиятҳои сиёсати Италия ҳифзи муҳити зист буда, дар соли 2021 ҳамроҳи Британияи Кабир ҳамраисии Конфронси 26-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ва инчунин раёсати Гурӯҳи "Бистгонаи Бузург" (G20)-ро ба зимма гирифтааст. 30-31 октябри 2021 дар Рим Саммити G20 баргузор гардид. Ин кишвар аз ҷонибдорони фаъолтарини амиқсозии минбаъдаи ҳамгироӣ дар ИА, ташаккули пайгиронаи сиёсати хориҷӣ, амниятӣ ва энергетикии он махсуб ёфта, ҳавасманди рушди муносибатҳои накӯҳамсоягӣ бо кишварҳои Африкаи Шимолӣ ва Ховари Миёна, мусоидат дар танзими низоҳои минтақавӣ ва пешбурди тадбирҳои сулҳофаринӣ мебошад [16].

Италия дорои иқтисоди басо рушдкардаи бозаргонии иҷтимоӣ ва омехтаи капиталистӣ буда, дар Иттиҳоди Аврупо аз нигоҳи ҳаҷми иқтисоди миллӣ ва истеҳсолоти саноатӣ мутаносибан ҷойҳои сеюм ва дуюм, инчунин аз рӯи маҷмуи маҳсулоти дохилии номиналӣ (2,328 трлн. долл. ШМА тибқи арзёбиҳои соли 2024, аз ҷумла ММД ба ҳар сари аҳолӣ 39,580 долл. ШМА) дар ҷаҳон мақоми нуҳумро ишғол мекунад [14].

Бахшҳои пешбарандаи саноаташ мошинсозӣ, автомобилсозӣ, тайёрасозӣ, металлургия, саноатҳои химиявӣ, нафтухимиявӣ, электронӣ, сабук ва хӯрокворӣ мебошанд. Италия истеҳсолгар ва содиротгари бузурги навъҳои зиёди маҳсулоту маснуот, аз қабили таҷҳизоту мошинолоти саноатӣ, велосипеду мопедҳо, тракторҳо, мошинҳои ҷомашӯӣ ва яхдонҳо, афзорҳои радиоэлектронӣ, маводи фармасевтӣ ва бофандагӣ, мебелҳо, қубурҳои пӯлодӣ, пластмасса, шинаҳо ва озуқа буда, инчунин ин кишвар автомобилу киштиҳо ва асбоби рӯзгори сохти ҷолиб ва баландсифат ва либосу пойафзоли хуштархро тавлид мекунад. Ҷумҳурӣ истеҳсолгари пешбари равғани зайтун, меваю сабзавот, макарон ва панир ба шумор меравад [15]. Саноати автомобилсозияш қариб 9% ММД-ро таъмин намуда, он бо доираи васеи маҳсулоташ, аз мошинҳои шаҳрӣ то суперкарҳои люкс, ба монанди Maserati, Pagani, Lamborghini ва Ferrari фахр мекунад. Ҳамчун "абарқудрати фарҳангӣ", Италия аз қадим ба ҳайси маркази санъату ҳунар, мусиқӣ, адабиёт, гастрономия, мода, илму технология, инчунин яке аз гаҳвораҳои ихтирооту кашфиёти сершумори инсоният маъруф будааст [13].

Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият аз миёни кишварҳои Аврупо бо Ҷумҳурии Италия ҳамкориҳои судманди ба ояндаи нек нигаронидашударо ба роҳ монда, дар ҷодаи таҳкими муколамаи сиёсӣ дар сатҳҳои оливу баланд (новобаста аз муяссар нашудани анҷоми сафарҳои сатҳи олӣ то апрели соли 2024) дар солҳои гуногун азму кӯшишҳои муайян ба назар расидааст. Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия 15 майи соли 1992 барқарор шуда, робитаҳо то чанд сол пеш бештар дар соҳаҳои кумаки башардӯстона, иқтисодию тиҷоратӣ, мубориза бо ҷинояткории муташаккилона ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир инкишоф ёфтанд.

Қабл аз ҳама, роҷеъ ба умдатан вижагии башардӯстона доштани муносибатҳои Италия бо Тоҷикистон оғоз аз солҳои 2000-ум якчанд мисол меорем. Соли 2001 дар чаҳорчӯби Конвенсияи Лондон оид ба кумаки ғизоӣ Ҳукумати Италия барои рафъи оқибатҳои хушксолӣ ва таъмини гурезаҳои иҷборӣ ва Ватан бозгаштаи Тоҷикистон бо ғизо ба маблағи 685 ҳазор долл. ШМА маводи ғизоӣ ҷудо кард. Моҳи марти соли 2002 бо қарори Ҳукумати Италия кумаки башардӯстонаи иборат аз 1500 тонна гандум, садҳо тонна биринҷ, шакар ва 100 адад обкаш (насос) барои беҳтар кардани таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби тоза тахсис дода шуд.

Агар ба солҳои баъдӣ нигарем, соли 2008 Кумитаи роҳбарикунандаи Вазорати корҳои хориҷии Италия оид ба ҳамкорӣ ва рушд барои амалӣ намудани Барномаи “AID 8838” – “Беҳсозии захираҳои об ва шароити беҳдоштию гигиенӣ дар деҳоти вилояти Хатлон”, - ки аз ҷониби ташкилоти ғайридавлатии италиявии “CESVI” таҳия шудааст, 892,500 евро ҷудо кард [2]. Мисолҳои дигари аёнӣ низ мавҷуданд, ки аз ҳусни нияти неки шафқату ёрмандии беғарази Италия нисбати Тоҷикистон далолат дода, боиси дар ин муддат гарму самимӣ гардидани муносибатҳои ҳасана миёни давлату мардумони ду кишвари ба ҳам дӯст гаштаанд.

Ҷанбаи дигари ҳамкориҳои созандаи деринаи тарафҳо дар он ифода меёбад, ки Ҷумҳурии Италия яке аз мададрасонҳои (донорҳои) асосӣ ҳангоми таъсис додани Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, Ҳукумати Италия барои гузаронидани амалиёти зидди маводи мухаддир 450 ҳазор долл. ШМА ҷудо карда буд. Вобаста ба мавзуъ, моҳи майи соли 2003 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо ба имзо расид, ки ин рӯйдод ба давраи сафари муовини вазири корҳои хориҷии Италия хонум Маргерит Бонивер ба Душанбе (21 майи соли 2003) рост омад [1, с. 142].

Дар даҳсолаи аввал пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 1996 (ш. Рим, 13-17 ноябр) ва 2000 (ш. Палермо, 9-12 декабр) ба Италия сафарҳои корӣ анҷом доданд. Ҳамин тавр, соли 1996 Президенти Тоҷикистон дар ҳошияи кори Саммити Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) бо Президенти Италия ҷаноби Оскар Луиҷи Скалфаро мулоқоти судбахш доир намуданд [1, с. 88].

Дар фосилаи байни ду ташрифи худ ба Италия Роҳбари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни сафарҳои корӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико солҳои 1998 (8 июн) ва 1999 (23 апрел) мутаносибан бо Сарвазирони (раисони Шурои вазирони) онвақтаи Италия Романо Проди ва Масимо Далимо дидору гуфтугӯҳои созанда барпо доштанд, ки ин албатта аз таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат дар он солҳо ба масъалаи таҳкими муколамаи сиёсии мақсаднок ва муносибатҳои наздиктар бо Италия гувоҳӣ медиҳад [1, с. 95, 99]. Қабл аз ин, 25 марти соли 1998 Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Италия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Иоланда Брунетти Гетс доир ба масоили густариши минбаъдаи равобити Тоҷикистону Италия, бахусус дурнамои муносибатҳои ҳарду кишвар дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод сухан ронда, гуфтанд, ки ин ҳамкорӣ баъди мустақил гардидани Тоҷикистон рушд ёфт ва сифатан беҳтар гардид. Тавре зикр шуд, Тоҷикистону Италия дар бобати коркарди сангҳои ороишӣ, аз ҷумла мармар, коркарди чарм, пахта ва тавлиди пойафзол ҳамкорӣ мекунанд. Пешвои миллат исрор варзиданд, ки Тоҷикистону Италия дар соҳаҳои дигар, аз ҷумла амалӣ сохтани барномаҳои доманадори иқтисодӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, истихроҷи маъдан, соҳаи истеҳсоли хӯрокворию кишоварзӣ ва ғайра ҳамкорӣ карда метавонанд [9].

Пешравии чашмрас дар робитаҳои ду кишвар ҳамон солҳо он буд, ки тариқи имзои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 14 марти соли 2000 Эъломияи муштарак оид ба принсипҳои муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия маъқул дониста шуд [10].

Фурсати хуби вохӯрии сатҳи олӣ бо ҷониби Италия дар чаҳорчӯби иштироки Президент Э. Раҳмон дар кори Саммити СААШ (НАТО; Прага, Чехия, 20-23 ноябри 2002) даст дода, ин навбат ҳангоми мулоқоти 40-дақиқагӣ бо Сарвазири Италия Силвио Берлускони мусоҳибон оид ба масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва проблемаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ мубодилаи афкор карданд.

Давоми солҳои баъдӣ намояндагони аршади италиявӣ низ ба Душанбе бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати муносибот ташриф меоварданд. Ҳамин тавр, 21-22 майи соли 2007 сафари Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Италия, сенатор Ҷанни Вернетти ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқуъ пайваст, ки дар рафти он мавсуф бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, директори Агентии назорати маводи нашъаовар Р.Назаров ва муовини вазири корҳои хориҷӣ А.Юлдошев вохӯрд. Ҷолиби диққат аст, ки зимни сафари ҷаноби Вернетти Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ-техникӣ ба имзо расид [6]. Дар рафти суҳбат бо Ҷ. Вернетти Сарвари давлат аз гузаштаи муносибатҳои Тоҷикистону Италия ёдовар шуда, аз ҷумла изҳор доштанд: *«робитаҳои муайяни сиёсӣ байни кишварҳои мо вуҷуд доранд ва мо*

*омодаем, ки дар асоси онҳо ҳамкориҳои барои ҳарду ҷониб судбахшро ривоҷ диҳем».* Ҷонибҳо аз сатҳ ва мазмуни робитаҳои кununӣ дар маҷмуъ ибрози қаноатмандӣ карда, ҳамзамон рушди ҳамкориҳои густурдаи иқтисодиро матлуб арзёбӣ намуданд. Дипломати италиявӣ ҳавасмандии кишварашро ҷиҳати иштироки фаъол дар иқтисодиёти Тоҷикистон бо сармояи худ баён кард [5, с. 169-170].

Бо гузашти ду сол, 2 апрели соли 2009 Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Италия, сенатор Алфредо Мантика ба Душанбе ташриф оварда, бо роҳбарияти ҷумҳурӣ мулоқотҳо анҷом дод. Ҳангоми сафари мазкур ҳам, мисли анъана бино ба таҷрибаи соли 2007, барои тавсеаи заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо иқдомгириҳои мушаххас сурат гирифта, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ ва техникӣ ва Протоколи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Италия имзо гардиданд [3, с. 112]. Чун идомаи мантиқии ниятҳои устувори ҷониби Италия ба хотири ҳамгироии ду кишвар ва ғанигардонии таркиби ҳамкориҳо бо мазмуну мундариҷаи тоза, санаҳои 12-13 сентябри соли 2010 ҳайати Италия зери роҳбарии муовини вазири рушди иқтисоди ин кишвар А.Урсо ба пойтахти Тоҷикистон сафар карда, бо намояндагони вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, энергетика ва саноат, нақлиёт ва коммуникатсия, Палатаи савдо ва саноат ва соҳибкорони тоҷикистонӣ вохӯриҳои муфид дошт. Ин бор ҳам миёни тарафҳо санади нави дуҷониба, Эъломияи муштарак оид ба Форуми машваратӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия дар бораи ҳамкориҳои иқтисодӣ ба имзо расид [6]. Ҳамин тариқ, дар зарфи 5-6 соли мавриди назар (шуруъ аз соли 2003) сафарҳои пурмаҳсули ҳайатҳои сиёсӣ ва иқтисодии Италия ба Тоҷикистон сурат гирифта, он замон пояи қарордодии муносибатҳо ба 5 санади ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун расонида шуд.

Дар баробари рӯзномаи дуҷониба, ду кишвар он солҳо ба зарурати танзими қазияи Афғонистон ва роҳҳои истиқрори сулҳу субот дар ин кишвар барои таъмини амну осоиштагӣ ва шукуфоии минтақа диққати аввалиндараҷа медоданд, ки ин омил дар табодули сафарҳои намояндагони баландпояи ҷонибҳо таҷассум гардид. Дар робита ба ин, 26-27 июни соли 2009 вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳ. Зарифӣ дар Конфронси Гурӯҳи 8 (G-8) оид ба масъалаҳои Афғонистон, ки дар шаҳри Триести Италия баргузор гардид, иштирок намуд. Дар навбати худ, ҳайати Италия бо шумули вазири ваколатдор, Намояндаи махсуси Вазорати корҳои хориҷии Италия оид ба Афғонистон ва Покистон ҷаноби Тало Франческо Мария ва сафири Италия дар Тоҷикистон ҷаноби Риккардо Манара (ш. Душанбе, 26-27 марти соли 2012) дар Конфронси минтақавии ҳамкориҳои иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-5) фаъолона ширкат варзид [6]. Вазъият дар Афғонистон ва дар минтақа аз ҷумла ҳангоми вохӯрии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷидин Аслов бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Италия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо иқомат дар ш. Тошканд) Р. Манара рӯзи 26 майи соли 2014 муҳокима шуда, ҳамчунин дурнамои рушди равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Италия бо тамаркуз ба зарфиятсозии ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорат ва сайёҳӣ мавриди музокирот қарор гирифт [27].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Италия ҷаноби Серҷо Маттарелла аз рӯзҳои аввали Сарвари давлати Италия интихоб гардиданаш тамосу мукотиба барқарор сохта, бо изҳори беҳтарин шодбошу таманниёти самимӣ дар барқияи табрикӣ (2 феврали соли 2015) аз ояндаи неки ҳамкориҳои созандаи байни ду кишвар итминони комил карданд ва омодагии хешро ҷиҳати рушду тавсеаи онҳо дар ҳамаи сатҳҳо баён намуданд [7]. Дар навбати худ, С. Маттарелла муросилоти илтифотиро бо Э. Раҳмон мунтазам пос дошта, дар номаи шодбошии худ ба унвони Президенти Тоҷикистон (8 сентябри соли 2019) чунин нигоштааст: *«Кишварҳои мо ба туфайли ҳамкориҳои самаранок, ки Италия ба онҳо аҳаммияти калон медиҳад, бо ҳам муттаҳид шудаанд. Бовар дорам, ки муносибатҳо байни Душанбеву Рим дар асоси дуҷониба ва дар доираи ҳамоишҳои дахлдори минтақавӣ минбаъд ҳам таҳким хоҳанд ёфт»* [17].

Дар ин зимн бояд махсус қайд кард, ки саҳми сафирони ғайримуқими Тоҷикистон дар Италия Исматулло Насредин *(маъмурият солҳои 2017-2018 бо иқомат дар ш. Вена; ҳоло муовини якуми вазири корҳои хориҷӣ – муаллифон)* ва Ҷамолиддин Убайдулло *(таъйинот аз 29 октябри соли 2018 инҷониб бо иқомат дар ш. Париж – муаллифон)* дар масири дастёбӣ ба пешрафту дастовардҳои пурбор дар муносибатҳои ҳамкории дорои ояндаи неки Тоҷикистону Италия назаррас аст. Бавежа, баъд аз маросими супоридани эътимоднома ба Президенти Ҷумҳурии

Италия ҷаноби Серҷо Маттарелла (13 феврали соли 2017) дар рафти суҳбат сафири тозатаъйини Тоҷикистон дар Италия И. Насредин саломи дуруди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба ҳамтои италиявиаш расонида, дар ҷавоб Президент С. Маттарелла бо арзи сипос аҳаммияти таъйини сафири Тоҷикистонро дар кишвари худ барои рушди робитаҳои дуҷониба таъкид кард [33].

Аллакай якуним сол пасон, 15 ноябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе аввалин машваратҳои сиёсӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия таҳти роҳбарии муовини вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Музаффар Ҳусейнзода ва муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Италия ҷаноби Манлио Ди Стефано баргузор шуд. Қобили зикр аст, ки дар рафти се даври машваратҳо дар марҳилаи сипаришуда (аз ҷумла дар Рим, 30 январи соли 2020 ва 23 июни соли 2021 дар шакли маҷозӣ) масъалаҳои мубрами рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангу маориф ва амният муҳокима шуда, дар бораи муҳимияти баргузории чорабиниҳои банақшагирифташуда дар сатҳи олӣ ва баланд мубодилаи афкор сурат гирифт. Дар ҳошияи ройзаниҳои сиёсии нахустин вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Италия ҷаноби Ди Стефаноро ба ҳузур пазируфта, бо ӯ роҷеъ ба доираи васеи масъалаҳои густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ, муколамаи сиёсӣ, гуманитарӣ ва амниятӣ гуфтугӯи судманд анҷом дод [31]. Ин маънои онро дорад, ки равобити сиёсию дипломатии Тоҷикистону Италия хосатан оғоз аз солҳои 2017-2018 инҷониб сатҳу мундариҷаи нав касб карда, ҷонибҳо барои такмилу тавсеаи ҳамкориҳо бо бахшҳои муҳим пайваста эҳтимом мекарданд.

Соли навбатии 2019, бахусус моҳи декабри он, саршор аз рӯйдодҳои сиёсии сатҳи баланд буда, боис ба ҳамгироии бештари ду кишвар гардид. Нахуст, 9 декабри 2019 дар Рим вохӯрии сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Италия (бо қароргоҳ дар Париж) Ҷамолиддин Убайдулло бо муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Италия Манлио Ди Стефано сурат гирифта, он фурсати муносиберо барои муҳокимаи ҳолати кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои мутақобилан судманд, хусусан дар самти омодагӣ ба чорабинии дарпешистодаи сатҳи баланд, фароҳам овард. Чунончи, 13 декабри ҳамон сол дар Рим Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони “Италия ва Осиёи Марказӣ: таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва шарикӣ” барпо карда шуд, ки дар ҳошияи он вохӯрии вазири корҳои хориҷӣ С. Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Италия ҷаноби Луиҷи Ди Майо доир гашт. Дар мулоқот мусоҳибон оид ба маҷмуи масоили марбут ба ҷонноксозии муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва маданӣ миёни ду давлат андешаронӣ намуда, бобати мавзуҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла амният ва муҳити зист машварат карданд [26]. Шоёни зикр аст, ки зимни дидори навбатии вазир С. Муҳриддин бо муовини вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Италия ҷаноби Манлио Ди Стефано худи ҳамон рӯз саҳми абзори муассири машваратҳои сиёсӣ дар самти таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар дар соҳаҳои мавриди манфиатбории муштарак баланд арзёбӣ гардида, ба манзури ғанисозии бештари муносибатҳои дуҷониба изҳори омодагӣ карда шуд.

Дар муддати сипарӣ шудани қариб ду сол аз ин рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ, 4 сентябри соли 2021 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ҳамтои италиявии худ Луиҷи Ди Майоро, ки ба Душанбе бо сафари расмӣ ташриф овард, қабул кард. Дар рафти музокирот дипломатҳои воломақоми ду кишвар масоили умдаи рӯзномаи робитаҳои дуҷонибаро баррасӣ карда, нақшаи тамосҳои сиёсии ояндаро матраҳ ва ҳамоҳанг намуданд. Таваҷҷуҳи махсус ба густариши ҳамкорӣ бо Италия дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва амниятӣ дода шуд. Ҳамзамон дар мавриди вазъи ҷиддан тағйирёфтаи сиёсию амниятӣ дар Афғонистон ва минтақа табодули андеша намуда, ҷонибҳо аз мавқеи якдигар дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи моводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дигар чолишу хатарҳои амниятӣ пуштибонӣ карданд. Дар фарҷоми гуфтушунид омодагии вазирон барои идомаи тамосҳо ва машваратҳои ҷонибҳо дар ҳама сатҳу зинаҳо роҷеъ ба масъалаҳои мубрами ҳамкории Тоҷикистону Италия ва минтақавӣ иброз гардид [32]. Бояд илова намуд, ки пайти мувофиқи дигаре барои мулоқоти вазир С. Муҳриддин бо ҳамкасби италиявияш Луиҷи Ди Майо 8 декабри соли 2021 дар шаҳри Тошканд дар чаҳорчӯби нишасти дуюми вазирони корҳои хориҷии “Италия – Осиёи Марказӣ” дар қолаби С5+1 ба миён омад.

Баҳри боз ҳам ҷиддан пайгирӣ намудани масоили вусъатдиҳии фарогири муносибатҳо ва мувофиқаи тамосу нақшаҳои дурбинона 26 январи соли 2023 дар шаҳри Рим муовини вазири

корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Италия Эдмондо Сириеллӣ сафири Тоҷикистон дар Италия Ҷамолиддин Убайдулло ва 8 феврали соли 2023 дар шаҳри Душанбе муовини вазири корҳои хориҷӣ Музаффар Ҳусейнзода сафири Италия дар Тоҷикистон Агустино Пиннаро ба ҳузур пазируфтанд [28].

Барои пешбурди чараёни мудовими иқдомоту тасмимгириҳои ҷонибҳо ҷиҳати таҳкими робитаҳои гуногунҷанба, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин 10 ноябри соли 2023 дар пойтахти Фаронса дар ҳошияи Форуми навбатии Париж оид ба масъалаҳои сулҳ бо вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Италия Антонио Таяни мулоқот намуда, бо номбурда масоили ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои мавриди эҳтимоми муштарак, инчунин рӯзномаи байналмилаливу минтақавиро муҳокима кард [30].

Робитаҳои байниминтақавӣ дар чаҳорчӯби қолаби С5+1 бо ҷониби Италия мунтазам мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифта, 29 майи соли 2024 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии вазири корҳои хориҷӣ С. Муҳриддин дар нишасти сеюми вазирони корҳои хориҷии "Осиёи Марказӣ – Италия" дар шаҳри Рим ширкат варзид. Дар ин ҳамоиши сатҳи баланд ҷонибҳо доир ба дурнамои рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Италия дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, обу энергетика, муҳити зист, нақлиёт, сайёҳӣ ва маориф, инчунин мавзуҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва хатару чолишҳои замони муосир, аз ҷумла вазъ дар Афғонистон ва Ховари Миёна, табодули афкор карданд. Шоми 29 май дар ҳошияи ҷаласаи сеюми сиғаи болозикр вохӯрии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо роҳбарони зиёда аз 30 ширкати бонуфузи италиявӣ, аз ҷумла "Ansaldio Energia", "IVECO Group", "MERMEC", "SAIPEM", "SACE" ва дигарон анҷом ёфт. Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон дар ин чорабинӣ имконоти сармоягузорӣ ва зарфиятҳои иқтисодии кишварро дар соҳаҳои обу энергетика, саноат, захираҳои табиӣ, сайёҳӣ ва ғайра муаррифӣ карда, соҳибкорони италиявиро барои ҳамкорӣ ба Тоҷикистон даъват намуд [6].

Муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Италия аз марҳилаҳои аввали солҳои истиқлолият, ҳатто дар асоси робитаҳои пешини даврони шӯравӣ, ба таври муттасил ва дар чанде аз бахшҳо пурмаҳсул инкишоф ёфта истодаанд. Ҳамкориҳои ду кишвар дар самтҳои истеҳсоли масолеҳи кимиёвӣ ва нафтӣ, инчунин маҳсулоти саноати сабуку вазнин, аз ҷумла дар соҳаи истеҳсолот ва таъмин намудани технологияи муосир нисбатан фаъол ба мушоҳида мерасад [1, с. 142]. Ба замми ин, дар соли 2003 «Агентии савдои Италия» (Italian Trade Agency, ITA) намояндагии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз намуда, аз ҷумла таъмини қисмҳои эҳтиётӣ ба мошинҳои сабукрав ва боркашро ба роҳ монд [3, с. 112]. Бо мақсади рушди ҳамкориҳои тиҷоратӣ ҷониби Италия намояндаи тиҷоратии кишвараш дар Тоҷикистон, роҳбари "Зира Холдинг" Ҷамшед Раҳимовро ҳамчун намояндаи ITA (10 феврали соли 2023) муаррифӣ намуд. Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, айни замон дар кишвар 10 корхонаи муштарак дар бахшҳои молия ва қарз, ҳуқуқ ва сохтмон бо сармоягузории Италия фаъолият менамоянд.

Дар бисёр корхонаҳои Тоҷикистон, масалан, корхонаи электрокимиёвии Ёвон (аз ҷумла ҶСК "Азот" дар шаҳри Левакант бо бунёди 1000 ҷойи корӣ), корхонаи алюминийи Тоҷикистон, фабрикаҳои пойафзолбарорӣ (ҶДММ «Саманд» дар шаҳри Исфара), дӯзандагиву бофандагӣ (ҶДММ "Нассоҷии Хуҷанд", корхонаи бофандагии ҶСК "Пиллаи тоҷик" дар шаҳри Душанбе), коркарди пахта ва маҳсулои пахтагӣ (ҶДММ "Ваҳдат текстайл" дар шаҳри Душанбе) ва ҷуроббофӣ (ширкати Хуҷанд-Инвест-Коттон, ҶДММ "Ваҳдат"), инчунин корхонаҳои нонпазиву истеҳсоли макарон ва маҳсулоти қаннодии ҷумҳурӣ ("Фабрикаи қаннодии Амирӣ" ва ҶДММ "Шаҳри зебои мо" (макарон) дар шаҳри Душанбе), истеҳсоли обҳои ташнашикан (Корхонаи саноатии "Гулоб" дар шаҳри Душанбе) ва мебелсозӣ (ҶДММ "Бисот" дар шаҳри Душанбе, ҶДММ "Акобир" дар шаҳри Бохтар) таҷҳизоти навтарини баландсифати италиявӣ насб гардидааст [18].

Роҷеъ ба нақши беназири Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуруъ аз ибтидои солҳои 2000-ум дар рушди равобити тиҷоратию иқтисодӣ бояд якчанд мисолҳои аёнӣ овард. 3 сентябри соли 2001 зимни сафари корӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд Президенти кишвар аз корхонаи муштараки Тоҷикистону Италия "Абрешим" боздид ба амал оварданд. Яке аз роҳбарони ширкати италиявӣ ҷаноби Каррера ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муҳайё сохтани шароити мусоид ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ изҳори сипос намуд. Роҳбари давлат ба кор андохта шудани корхонаи муштараки "Абрешим"-ро ҳамчун қадами нав дар роҳи таҳкими ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Италия маънидод карданд [23]. Мисоли

дигар ин муҷаҳҳазонидани беморхонаи марказии ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо техникаю таҷҳизоти муосир мебошад, ки аз Олмон, Италия ва Русия ворид гашта, ин иншоот 23 ноябри соли 2007 бо иштироки Президенти Тоҷикистон ба истифода дода шуд [24].

30 апрели соли 2008 зимни қабули эътимодномаи сафири фавқулода ва мухтори Италия дар Тоҷикистон Ҷованни Риччулли Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мусоҳибаш аз пайвастагии робитаҳои сиёсию иқтисодии ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, ҳамзамон таъкид доштанд, ки имкону захираҳои истифоданашудаи ҳамкорӣ ҳанӯз басо фароханд, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёту коммуникатсия, туризм ва ғайра. Фаъолияти босамари ширкати муштараки Тоҷикистону Италия «Ҷавонӣ» намунаи хуби ҳамкории иқтисодию технологии соҳибкорони ду кишвар дар соҳаи саноати сабук ва ба наздики 100 миллион доллари амрикоӣ расидани ҳаҷми мубодилоти молу маҳсулот дар соли 2007 нишонаи рушди робитаҳои тиҷоратӣ арзёбӣ гардид [19].

4 октябри соли 2011 дар ҷамоати шаҳраки Ҳисор бо ширкати Сарвари давлат корхонаи навбунёди ресандагӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар он дастгоҳҳои ресандагии технологияи навтарини италиявӣ аз ширкати соҳибнуфузи италиявии «Marzoli» васл карда шудаанд. Бо вуҷуди дастгоҳҳои навтарини автоматӣ дар ин корхона 180 нафар бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд [25]. Гузашта аз ин, ниҳоли дарахтони гуногуни ба иқлими ҷумҳурӣ мутобиқ аз Италия барои шинонидан дар майдони 10 гектар боғи интенсивии ҶДММ «Ситабр-Агро»-и ноҳияи Ҳисор ва заминҳои қитъаи ҶДММ “Пайванд” дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (соли 2015), инчунин дар Майдони “Истиқлол”-и пойтахти ҷумҳурӣ (январи соли 2021) оварда шуданд [18].

Аз таҳаввулоти ахир дар бахши рушди робитаҳои соҳибкорию сармоягузорӣ мебояд онро зикр кард, ки 25 январи соли 2023 дар шаҳри Милан бо ибтикори Сафорати Тоҷикистон дар Италия (бо қароргоҳ дар Париж) ва бо мусоидати Палатаи савдои Италия-Русия ва ширкати “Mikro Kapital Management S.A.” имкониятҳои сармоягузорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон муаррифӣ гардиданд, ки дар ин ҷамъомад зиёда аз 200 нафар соҳибкорон ва сармоягузорони италиявӣ ҳузур доштанд. Зимни ин ҳамоиш сафири Тоҷикистон дар Италия Ҷамолиддин Убайдулло ба ҳозирин оид ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар дар даврони истиқлолият, ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ, низоми бонкӣ, фазои мусоид ва лоиҳаҳои гуногуни сармоягузорӣ, инчунин имкониятҳои фарохи тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сайёҳӣ иттилои муфассал манзур кард [29].

Бояд таъкид дошт, ки ширкати италиявии “Salini Impregilo S.p.A.” (ҳоло “WeBuild”) сохтмони иншооти азими гидроэнергетикии аср – Неругоҳи барқи обии Роғунро, ки ҳаёту мамот ва орзуву ормони сарнавиштсози мардуми Тоҷикистон унвон шудааст, давоми ҳашт соли охир пеш бурда истодааст. Хусусан, 1 июли соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мудири иҷроияи ин ширкат ҷаноби Пиетро Салиниро дар Душанбе ба ҳузур пазируфтанд. Байни Тоҷикистон ва ширкати “Салини Импреҷило” оид ба тарҳрезӣ, хариди таҷҳизот ва сохтмони НБО-и Роғун созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки мувофиқи он ин ширкат ба Тоҷикистон 3,9 млрд. долл. ИМА ҷудо кард [4, с. 129].

Ниҳоятан, рӯзҳои 22-26 апрели соли 2024, ки инак дар солномаи муносибатҳои ду кишвар соли таърихӣ ва ба таври бесобиқа пурдастовард маҳсуб меёбад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Италия ва Ватикан сафари расмӣ анҷом доданд.

Нахуст, 22 апрел Президенти муҳтарами Тоҷикистон дар шаҳри Рим Мудири иҷроияи ширкати “ВиБилд” (WeBuild) П. Салиниро ба ҳузур пазируфта, масъалаҳои ҳамкорӣ оид ба рафти сохтмони НБО-и Роғун, хусусан сарбанди неругоҳ, инчунин матлаби сафарбар намудани кӯшишҳо ҷиҳати дар муҳлатҳои муқарраргарида анҷом додани нақшаҳои кориро муҳокима намуданд. Роҳбари ширкати бонуфузи италиявӣ ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва ҷараёни корҳои сохтмонӣ маълумот дод.

Рӯзи 23 апрели 2024, пас аз анҷоми маросими истиқболи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди қароргоҳи Президенти Италия – Қасри “Квиринал”, ки дар он меҳмони олиқадрро Президенти ин кишвар ҷаноби Серҷо Маттарелла самимона пешвоз гирифт ва ҳамроҳӣ кард, сараввал мулоқоти хоссаи сарони давлатҳо, сипас музокироти сатҳи олӣ бо иштироки ҳайатҳои васеи ду ҷониб баргузор шуд. Зимни гуфтушунид ҷонибҳо маҷмуи масоили ҳамкории байни ду давлат ва вусъат додани робитаҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, инчунин имконоти татбиқи лоиҳаҳои муштараки сармоягузориро матраҳ карданд. Баҳрабардорӣ аз таҷрибаҳои бою пешқадами Италия, бахусус дар соҳаҳои

гидроэнергетика, саноатҳои сабук, хӯрокворӣ, дорусозӣ, истихроҷи маъдан, истифодаи захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ аз самтҳои афзалиятноку судбахш арзёбӣ шуд. Таъкид гардид, ки таъсиси Шурои муштараки тиҷоратӣ ҳамчун иқдоми саривақтӣ ба густариши ҳамкории ҷонибҳо дар бахши хусусӣ мусоидати фаъол хоҳад намуд. Роҳбарони олии ду кишвар аз ҷумла ба баррасии имкони дарёфти роҳҳои нави ҳамкорӣ дар самти рафтуомади шаҳрвандон ва кушодани хатсайри мустақими ҳавоӣ байни ду давлат ишора карданд. Мавзуоти рушди бахши сайёҳӣ ва инфрасохтори он, пайвандҳои фарҳангию гуманитарӣ ва ҷалби ҷавонон ба таҳсил дар муассисаҳои олии таълимии Италия низ дар меҳвари музокирот буд. Дар баробари ин, ёдрас гардид, ки парлумонҳои ду кишвар дар чаҳорчӯби тамосу робитаҳо дар Парлумони Аврупо ҳамкории судманд дошта, барои ҷоннок кардани ин самт таъсиси гурӯҳи дуҷонибаи дӯстии парлумонии Тоҷикистону Италия амри зарурӣ аст. Сарони давлатҳо масоили ҳамкории кишварҳо дар чаҳорчӯби созмонҳои муътабари ҷаҳон, аз қабили СММ, САҲА ва дигар сохторҳои байналмилалиро муҳокима карда, ҳамзамон таваҷҷуҳи ҷониби италиявӣ ба ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон дар ҳалли масоили обу иқлим, ҳифзу таҳкими амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ ҷалб гардид [11].

Худи ҳамон рӯз, дар пайи анҷоми маросими бошукӯҳи истиқболи меҳмони олимақом – Сарвари давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни қароргоҳи Раиси Шурои вазирони (Сарвазири) Ҷумҳурии Италия "Палатсо Киджи" бо иштироки Сарвазир Ҷорҷа Мелони, ҷонибҳо зимни мулоқоти як ба як ва музокироти васеъ масоили умда ва дурнамои тавсеаи равобити созанда дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амниятиро муҳокима карданд. Сарони ҳукуматҳо бо ҳавасмандӣ ба рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои гидроэнергетика, саноатҳои сабук, хӯрокворӣ, металлургӣ, маъдан, кимиё, кишоварзӣ, дорусозӣ ва сайёҳӣ, ҷалби сармояи италиявиро барои рушди соҳаи саноати Тоҷикистон барои ҳарду кишвар муфид номиданд. Таъкид гардид, ки дар Тоҷикистон барои таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноатӣ ва афзоиши содироти он ба кишварҳои Аврупо имконияту захираҳо фаровон аст, ки ин омил бешакку шубҳа боиси манфиатдории иштироки доираҳои соҳибкорию сармоягузории италиявӣ дар ҳаёти иқтисодии кишварамон мегардад. Боз намудани хатсайри мустақими ҳавоӣ ва пешбурди робитаҳои ду ҷониб дар бахшҳои маорифу тандурустӣ, тахсиси квотаҳо барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар мактабҳои олии Италия аз мавзуҳои дигари мулоқот буд. Ҳамзамон, ҷонибҳо вобаста ба вазъи мураккаби сиёсии байналмилалӣ таҳкими ҳамкории самарабахшро миёни кишварҳояшон дар мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир зарур шумориданд [8]. Бино ба маълумоти муътамад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба хонум Ҷорҷа Мелони дар самти раисии кишвараш дар қолаби "Ҳафтгонаи бузург" комёбиҳо орзу намуда, ибрози умед карданд, ки таҳдиду чолишҳои мавҷуда дар атрофи минтақаи Осиёи Марказӣ, бо шумули паёмадҳои тағйирёбии иқлим дар минбарҳои баланди ҷаласаҳои кишварҳои қолаби мазкур инъикос хоҳанд гардид.

Дар поёни мулоқоту музокиротҳои сатҳи олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз роҳбарони воломақоми Италия – Президент Серҷо Маттарелла ва Сарвазир Ҷорҷа Мелони даъват намуданд, ки дар фурсати барояшон муносиб бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон ташриф оранд.

Шоёни зикр аст, ки сафари расмии Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Италия бо имзои 9 санади муҳими ҳамкорӣ аз рӯи анҷоми музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Италия хоссаву хотирмон ба қайд расид. Бастаи санадҳои имзошуда бахшҳои мухталифи муносибатҳои ҳамкории судманди ду кишварро ба танзим медароранд, ки номгӯйи онҳо барои маълумот дар поён оварда мешавад:

1. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба бекор намудани талаботи раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ;
2. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар масъалаҳои амниятӣ;
3. Барномаи ҳамкории фарҳангӣ, илмӣ ва технологӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2027;
4. Созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав байни Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корхонаҳо ва истеҳсолоти (Made in Italy) Ҷумҳурии Италия;

5.Ёддошти тафоҳум байни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати инфрасохтор ва нақлиёти Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамлу нақли байналмилалии мусофирон ва борҳо;

6.Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати маводи нашъовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкории оперативӣ дар мубориза бар зидди маводи нашъовар;

7.Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сайёҳии Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

8.Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи рушди устувор байни Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати муҳити зист ва амнияти энергетикии Ҷумҳурии Италия;

9.Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Италия барои солҳои 2024-2026 [6].

Бояд тазаккур дод, ки имзои барномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷии ду давлат ва созишномаи нав оид ба лағви раводид барои дорандагони шиносномаҳои дипломатӣ ҷиҳати такмили сатҳу сифати робитаҳои сиёсию дипломатии ҳарду кишвар мусоидати амалӣ хоҳанд кард. Дар ин зимн, қобили таваҷҷуҳ аст, ки санади зикршуда доир ба ҷорисозии низоми мутақобилаи рафтуомади бидуни раводид барои соҳибони шиносномаҳои дипломатӣ пас аз анҷоми гузаронидани расмиёти зарурии дохилидавлатӣ аз ҷониби ҳарду кишвар, оғоз аз 14 октябри соли 2024 эътибор пайдо кард. Тибқи муқаррароти созишнома, шаҳрвандони Тоҷикистону Италия, ки дорандаи шиносномаҳои дипломатӣ мебошанд, метавонанд ба ҳудуди ҳамдигар бе дастрасии раводид ба муддати на зиёда аз навад (90) рӯз дар давоми яксаду ҳаштод (180) рӯз ворид ва будубош намоянд.

Гузашта аз ин, рӯзи 23 апрел ҳангоми боздид аз қароргоҳи Созмони озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) дар шаҳри Рим ва баъди мулоқот бо роҳбарияти он, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони тоҷикони муқими Италия, аз ҷумла донишҷӯёни тоҷик ва нафароне, ки дар ин ташкилот фаъолият доранд, мулоқоти озоду самимӣ доир карданд. Пешвои миллат роҷеъ ба дастгирию ғамхориҳои рӯзафзуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳсозии шароити будубоши ҳамдиёрони бурунмарзӣ, бахусус ҷавонон, ки ба омӯзиши илму ҳунар дар хориҷи кишвар машғуланд, андешаҳои ҷолиб баён намуданд. Таъкид гардид, ки дар доираи сиёсати хориҷии Ҳукумати кишвар ва ҳамкорӣ бо кулли ҷаҳон ҳамасола барои идомаи таҳсили ҷавонон квотаҳо ва барои муҳоҷирони корӣ санадҳои муҳими танзимкунандаи будубоши онҳо таҳия ва қабул мегардад. Дар мулоқот Роҳбари давлат бо истинод ба вазъи мураккаби олам ҷавононро ба ҳушёрию зиракӣ ва дӯст доштани Ватан даъват намуданд [20].

Банди дигари ҷолиби барномаи сафари расмии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Италия ташриф ба шаҳри Пистояи Италия (24 апрели 2024) барои шиносоӣ бо таҷрибаҳои пешқадами ниҳолпарварӣ ва сабзгардонии муҳити зист буд. Тавре иттилоъ дода шуд, шаҳри Пистоя дар вилояти Флоренсия ва минтақаи Тосканаи Италия, яъне дар яке аз қисматҳои маркази кишвар қарор дошта, бо таҷрибаи пешқадаму омӯхтанӣ дар ниҳолпарварӣ, ҷангалофарӣ, сабзгардонӣ ва ҳифзи муҳити зист шуҳрати ҷаҳонӣ дорад. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз якчанд парваришгоҳҳои ниҳолҳои дарахтҳои мевадиҳанда ва сояафкану ороишӣ, аз ҷумла хеле зебову нодир дидан карда, бо тарзи шинондан, қаламчагирӣ, парвариш, роҳҳои муосири обу ғизодиҳӣ ва тобоварсозии онҳо ба бемориҳо ва ҳашароти зараррасон ва бахусус мутобиқати онҳо ба иқлими Тоҷикистон аз наздик ошноӣ пайдо карданд [21]. Умед аст, ки ҳамкориҳои мутақобилан судманди Тоҷикистон бо ин минтақаи намунавии ниҳолпарварии Италия дар оянда хуб роҳандозӣ шуда, сарзамини биҳиштосои мо бо маҳсули зарифу нафиси он ободу хуррамтар мегардад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳиму ояндасозе, ки дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба пойтахти Италия шаҳри Рим 24 апрели соли 2024 баргузор гардид, ҳамоиши «Муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Италия» *(Форуми сармоягузории Тоҷикистон ва Италия)* буд. Дар нишасти мазкур намояндагони зиёда аз 100 ширкату корхонаҳои бахшҳои гуногуни иқтисоду тиҷорати ҳарду кишвар, роҳбарону масъулони мақомоти давлатӣ, инчунин соҳибкорону сармоягузорон иштирок дошта, роҷеъ ба имкониятҳои ҳамкории доираҳои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, инфрасохтор, кишоварзӣ, энергетика, хизматрасониҳо, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок муҳокимарониҳои судманд барпо намуданд. Бавежа, фазои сармоягузорӣ ва

имтиёзҳои марбут ба ҳузури сармоявӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Раҳимзода Султон, имкониятҳои саноатии мамлакат аз ҷониби вазири саноат ва технологияҳои нав Кабир Шералӣ ва зарфиятҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби вазири энергетика ва захираҳои об Ҷумъа Далер муаррифӣ карда шуданд [22].

Дар рафти анҷумани мазкур роҳбарият ва намояндагони ширкатҳои италиявӣ, аз қабили «WeBuild» ва «Carrera» ва масъулони донишгоҳҳои молиявии Италия суханронӣ карда, аз таҷрибаи мусбати худ бобати шароити мусоиди тиҷорат дар кишвари мо ва заминаҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистонро муаррифӣ намуданд. Дар ин зимн, директори Департаменти ҳамкориҳои иқтисодии Вазорати корҳои хориҷии Италия дар навбати худ суръати рушди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Италияро мусбат ва мураттаб хислат дода, гуфт, ки танҳо дар соли 2022 Италия дар Тоҷикистон ба андозаи зиёда аз 111 млн. евро сармояи мустақим ворид намудааст. Бино ба маълумоти омории Тоҷикистон, гардиши савдо миёни Тоҷикистону Италия дар соли 2023 маблағи қариб 50 млн. долл. ИМА-ро ташкил дода, ба назари ҷониби италиявӣ иқтидори тиҷоратии ҳарду кишвар тамоюли болоравӣ дорад. Бояд тазаккур дод, ки ҳамоиши мазкур барои ширкатҳои ватанӣ ва италиявӣ фурсати муносиберо фароҳам овард, ки пас аз гуфтушунидҳо миёни соҳибкорони ду давлат (дар сиғаи «Соҳибкор бо соҳибкор» (B2B) ва бахши давлатию хусусии ҳарду ҷониб), намояндагони ширкату корхонаҳои Тоҷикистону Италия перомуни имзои 10 шартномаи ҳамкории тиҷоратӣ ба созиш расиданд. Ҳамин тавр, қарордодҳои муфиди дуҷониба ба маблағи зиёда аз 160 млн. долл. ИМА ба имзо расиданд, ки аз ҷумла бахшҳои паста, керамика, бофандагӣ ва соири дигарро дар бар мегиранд [6].

Дурнамои ҳамкориҳои судбахши Тоҷикистону Италия аслан бо дарназардошти майлу рағбати хоси роҳбарияти ду давлат ба рушди муносибатҳои гуногунҷанба, қаринию баҳамоии давлату мардумони ду кишвари дӯст аз ибтидои солҳои истиқлолият, ҷой доштани робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, инчунин дигар риштаву пайвандҳои ногусастании башардӯстона умедбахшу дурахшон аст. Дар ин ҷода нақши Пешвои муаззами миллати тоҷик бо корбасти касбияту таҷрибаи мактаби дипломатияи миллӣ беназир буда, идомаи бемайлони муколамаи сиёсӣ дар сатҳҳои оливу баланд, пайгирии татбиқи пурраи мувофиқаҳои ҳосилшуда зимни сафари расмӣ ба Рим, хосатан амалигардонии мунсифонаи муқаррароти ёддошту созишномаҳои имзошуда тариқи тамосҳои зич ва шарикии муассири мақомоти дахлдори ду кишвар, инчунин ҷустуҷӯйи муштараки роҳу василаҳои ғанисозии ҳамкориҳо бо муҳтавои муфид ба ин раванд такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Бинобар таҷрибаи қаблан имзо шудани созишномаи байниҳукуматии ҷонибҳо оид ба ҳамкории иқтисодӣ, саноатӣ ва техникӣ, инчунин мавҷудияти равобити самараноки иқтисодӣ ва ба имзо расидани санадҳои дигари соҳавӣ дар доираи боздиди Пешвои миллат аз Рим, пиёдасозии ғояи таъсисдиҳӣ ва фаъолияти Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ ва ё Шурои муштараки тиҷоратӣ миёни ду кишвар ба нафъи кор хоҳад буд.

Илова ба бахшҳое, ки тибқи санадҳои имзошуда танзим мегарданд, ба роҳ мондани ҳамкориҳо байни Тоҷикистону Италия бо инобати таҷрибаи пешрафтаи он дар соҳаи кишоварзӣ ва хӯрокворӣ (масалан, технологияҳои боғу токпарварӣ ва чорводорӣ, истеҳсоли равғани навъҳои гуногун, панирҳои лазиз, нӯшокиҳои маъданӣ, шириниҳо), тиббу тандурустӣ (табодули таҷриба, омодасозии мутахассисон, омӯзиши амалияҳои пешқадами тиббӣ, дорусозӣ), маориф (афзоиши бурсияҳои таълимӣ, бахусус дар соҳаи илмҳои риёзӣ, табиӣ ва дақиқ, технологияҳо ва муҳандисӣ, инчунин дигар бахшҳои мавриди ниёзи кишвар, мубодилаи устодону донишҷӯён, танзими давраҳои бозомӯзӣ, таъсиси филиали донишгоҳҳои Италия дар Тоҷикистон, ҷорисозии омӯзиши забони гуворои италиявӣ) ва “неруи сабз” қобили мулоҳиза мебошад. Доир ба ҷолибияти омӯзиши таҷрибаву зарфиятҳои сайёҳӣ бояд онро зикр кард, ки ин бахш ҳамасола тахминан 13-14%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии ин кишварро ташкил намуда, бино ба омор, танҳо дар соли 2022 атрофи 120 млн. нафар сайёҳон аз Италия дидан карданд, ки ин ба иқтисодиёташ қариб 43 млрд. евро даромад овард. Дар тарозуи таҳлилу тадқиқ гузоштани ҳамаи ин ва дигар ҷанбаҳо зимни тарҳрезии нақшаҳои созанда ва музокироти оянда ҷиҳати ба созиш омадан бо дӯстону ҳамкорони италиявӣ метавонад боиси комёбиҳои бештар дар ин масири пуршараф гардад.

## АДАБИЁТ:


1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2009. – 296 с.
2. Сайидзода З.Ш. (Саидов З.Ш.). Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ: монография. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2016. – 216 с.
3. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият / Зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 352 с.
4. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон ва 25 соли Истиқлолияти давлатӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016). / А. Шарифзода, С. Айниддин, С. Шамсиддинзода. – Китоби 16. – Душанбе: Бухоро, 2019. – 368 с.
5. Шарифзода, А. Эмомалӣ Раҳмон: оғози марҳилаи нав (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007). – Китоби 7. Нашри дуюм. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 372 с.
6. Маълумотномаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Италия // Бойгонии ҷории Раёсати кишварҳои Аврупо ва Америкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
7. Садои мардум. – 2015. – 5 феврал. – №16.
8. Садои мардум. – 2024. – 24 апрел. – №51.
9. Ҷумҳурият. – 1998. – 28 март. – №13. – С. 1.
10. Ҷумҳурият. – 2000. – 25 март. – №27 (20.201). – С. 1.
11. Ҷумҳурият. – 2024 – 24 апрел. – №75.
12. Маълумотнома дар бораи Италия аз Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Италия (ба заб. русӣ)
13. Маълумотнома дар бораи Италия аз Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Italy (ба заб. англ.)
14. Маълумотнома дар бораи «Иқтисоди Италия» аз Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Italy (ба заб. англ.)
15. Маълумотнома дар бораи «Иқтисоди Италия» аз Донишномаи Википедия [Манбаи электронӣ]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Экономика_ Италии (ба заб. русӣ.)
16. Маълумотномаи кишварии Италия дар сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.mid.ru/ru/maps/it/
17. Номаҳои шодбошӣ аз сарони давлатҳои хориҷӣ ба муносибати 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/21270
18. Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj
19. Қабули эътимоднома аз сафири фавқулодда ва мухтори Италия дар Тоҷикистон Ҷованни Риччулли [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/3217
20. Мулоқот бо намояндагони тоҷикони муқими Ҷумҳурии Италия [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/33236
21. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Пистояи Италия бо таҷрибаи пешқадами ниҳолпарварӣ ва сабзгардонии муҳити зист шинос гардиданд [Манбаи электронӣ] // Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон “Ховар”. URL: https://khovar.tj/2024/04/peshvoi-millat-emomal-ra-mon-dar-sha-ri-pistoyai-italiya-bo-ta-ribai-pesh-adami-ni-olparvar-va-sabzgardonii-mu-iti-zist-shinos-gardidand/
22. Пресс-релиз оид ба Ҳамоиши «Муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Италия» / Сайти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/news/382-amoishi-muarrifii-umurii-toikiston-dar-italija.html (Санаи нашр: 25.04.2024)
23. Сафари корӣ ба вилояти Суғд [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/14993
24. Сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/7588
25. Сафари корӣ ба ноҳияи Ҳисор [Манбаи электронӣ] // Сайти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: http://www.president.tj/node/657
26. Хабари иттилоотии “Вохӯрии Вазири корҳои хориҷӣ бо Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Италия” [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон.

URL: https://mfa.tj/tg/main/view/5399/vokhurii-vaziri-korhoi-khoriji-bo-vaziri-korhoi-khoriji-va-hamkorii-bainalmilalii-italiya
27.Хабари иттилоотии «Вохӯрии Вазири корҳои хориҷӣ бо Сафири Италия» [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/340/ vokhurii-vaziri-korhoi-khoriji-bo-safiri-italiya
28.Хабари иттилоотии "Вохӯрии муовини вазир бо сафири Италия" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/12034/vokhurii-muovini-vazir-bo-safiri-italiya
29.Хабари иттилоотии "Муаррифии имкониятҳои сармоягузорӣ ва сайёҳии Тоҷикистон дар шаҳри Милан" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/11929/muarrifii-imkoniyathoi-sarmoyaguzori-va-saijohii-tojikiston-dar-shahri-milan
30.Хабари иттилоотии "Мулоқот бо вазирони корҳои хориҷии Фаронса ва Италия" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/13729/muloqot-bo-vazironi-korhoi-khorijii-faronsa-va-italiya
31.Хабари иттилоотии "Мулоқоти Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/3683/muloqoti-vaziri-korhoi-khorijii-jumhurii-tojikiston-bo-muovini-vaziri-korhoi-khoriji-va-hamkorii-bainalmilalii-jumhurii-italiya
32.Хабари иттилоотии "Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон ва Италия" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/8545/muloqoti-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston-va-italiya
33.Хабари иттилоотии "Супоридани эътимоднома ба Президенти Ҷумҳурии Италия" [Манбаи электронӣ] // Сайти Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/1993/suporidani-etimodnoma-ba-prezidenti-jumhurii-italiya

**REFERENCES:**

1. Diplomacy of Tajikistan: yesterday and today. In two volumes. Volume 1 / Under the supervision of H. Zarifi. – Dushanbe, 2009. – 296 p.
2. Sayidzoda Z.Sh. (Saidov Z.Sh.). International activities of the Leader of the Nation Emomali Rahmon: the return of the Tajik national state to the arena of world politics: monograph. – Dushanbe: LLC "Kontrast", 2016. – 216 p.
3. Foreign policy of Tajikistan on the path to independence / Under the supervision of H. Zarifi. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 352 p.
4. Sharifzoda, A. Emomali Rahmon and 25 years of state independence (Domestic and foreign policy of the President of the Republic of Tajikistan in 2016). / A. Sharifzoda, S. Ainiddin, S. Shamsiddinzoda. – Book 16. – Dushanbe: Bukhara, 2019. – 368 p.
5. Sharifzoda, A. Emomali Rahmon: the beginning of a new stage (Domestic and foreign policy of the President of the Republic of Tajikistan in 2007). – Book 7. Second edition. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 372 p.
6. Directory of relations between Tajikistan and Italy // Current archive of the Department of European and American countries of the Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan
7. The voice of the people. – 2015. – February 5. – No. 16.
8. The voice of the people. – 2024. – April 24. – No. 51.
9. Jumhuriyat. – 1998. – March 28. – No. 13. – P. 1.
10. Jumhuriyat. – 2000. – March 25. – No. 27 (20.201). – P. 1.
11. Jumhuriyat. – 2024 – April 24. – No. 75.
12.Reference on Italy from Wikipedia [Electronic resource]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Италия (in Russian)
13. Reference on Italy from Wikipedia [Electronic resource]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Italy (in English)
14.Reference on "Economy of Italy" from Wikipedia [Electronic resource]. URL: https://en.wikipedia.org/wiki/Economy_of_Italy (in English)
15.Reference on "Economy of Italy" from Wikipedia [Electronic resource]. URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/Экономика_ Италии (in Russian)
16.Country information on Italy on the official website of the Ministry of Foreign Affairs of the Russian Federation. [Electronic resource]. URL: https://www.mid.ru/ru/maps/it/

17.Congratulatory letters from foreign heads of state on the occasion of the 28th anniversary of the State Independence of the Republic of Tajikistan [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/21270
18. Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj
19. Acceptance of credentials from the Ambassador Extraordinary and Plenipotentiary of Italy to Tajikistan Giovanni Ricciulli [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/3217
20. Meeting with representatives of Tajiks living in the Republic of Italy [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/33236
21. The Leader of Nation Emomali Rahmon got acquainted with the advanced experience of tree cultivation and greening the environment in the city of Pistoia, Italy [Electronic source] // National Information Agency of Tajikistan "Khovar". URL: https://khovar.tj/2024/04/peshvoi-millat-emomal-ra-mon-dar-sha-ri-pistoyai-italiya-bo-ta-ribai-pesh-adami-ni-olparvar-va-sabzgardonii-mu-iti-zist-shinos-gardidand/
22. Press release on the Conference "Presentation of the Republic of Tajikistan in Italy" / Website of the State Committee for Investments and State Property Management of the Republic of Tajikistan. [Electronic source]. URL: https://investcom.tj/news/382-amoishi-muarrifii-umurii-toikiston-dar-italija.html (Publication date: 25.04.2024)
23. Working trip to Sughd region [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/14993
24. Working trip to Danghara district of Khatlon region [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/7588
25. Working trip to Hisor district [Electronic resource] // Website of the President of the Republic of Tajikistan. URL: http://www.president.tj/node/657
26. Informational message "Meeting of the Minister of Foreign Affairs with the Minister of Foreign Affairs and International Cooperation of Italy" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/5399/vokhurii-vaziri-korhoi-khoriji-bo-vaziri-korhoi-khoriji-va-hamkorii-bainalmilalii-italiya
27. Informational message "Meeting of the Minister of Foreign Affairs with the Ambassador of Italy" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/340/ vokhurii-vaziri-korhoi-khoriji-bo-safiri-italiya
28. Informational message "Meeting of the Deputy Minister with the Ambassador of Italy" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/12034/vokhurii-muovini-vazir-bo-safiri-italiya
29. Informational message "Presentation of investment and tourism opportunities of Tajikistan in Milan" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/11929/muarrifii-imkoniyathoi-sarmoyaguzori-va-saijohii-tojikiston-dar-shahri-milan
30. Informational message "Meeting with the Ministers of Foreign Affairs of France and Italy" [Electronic source] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/ view/13729/muloqot-bo-vazironi-korhoi-khorijii-faronsa-va-italiya
31. Informational message "Meeting of the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan with the Deputy Minister of Foreign Affairs and International Cooperation of the Republic of Italy" [Electronic source] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/3683/muloqoti-vaziri-korhoi-khorijii-jumhurii-tojikiston-bo-muovini-vaziri-korhoi-khoriji-va-hamkorii-bainalmilalii-jumhurii-italiya
32. Informational message "Meeting of the Ministers of Foreign Affairs of Tajikistan and Italy" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/main/ view/8545/muloqoti-vazironi-korhoi-khorijii-tojikiston-va-italiya
33. Informational message "Presentation of credentials to the President of the Republic of Italy" [Electronic resource] // Website of the Ministry of Foreign Affairs of Tajikistan. URL: https://mfa.tj/tg/ main/view/1993/suporidani-etimodnoma-ba-prezidenti-jumhurii-italiya